## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2025

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2025 69 ташкилоти қарзии молиявӣ, 16 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар соли 2025 дар маҷмуъ 65 789,7 млн сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамон давраи соли гузашта ба андозаи 25,4 фоиз зиёд мебошад. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 37,2 фоиз баробар гардид.

Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | 31.12.2025 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Адад** | **Дороихо (млн сомонӣ)** | **Ҳисса ( бо % )** | **Афзоиши дороихо нисб. ба соли 2024** |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **69** | **59 242,1** | **90,0** | **24,8** |
| ***Бонкҳо*** | ***19*** | ***55 449,8*** | **84,3** | ***36,9*** |
| *Бонки давлатӣ* | *2* | *12 300,3* | 18,7 | *25,3* |
| *Бонки исломӣ* | *1* | *497,2* | 0,8 | *51,6* |
| *Бонк бо сармояи хориҷӣ* | *7* | *11 861,7* | 18,0 | *146,4* |
| *Бонкҳои дигар* | *9* | *30 790,5* | 46,8 | *20,5* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***50*** | ***3 792,3*** | **5,8** | ***-43,7*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *26* | *2 899,8* | 4,4 | *-48,6* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *2* | *39,7* | 0,1 | *-86,7* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *22* | *852,8* | 1,3 | *8,0* |
| ***Филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ*** | ***360*** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **16** | **1 141,2** | **1,7** | ***26,6*** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **6** | **779,4** | **1,2** | ***58,3*** |
| **Биржаҳои фондӣ** | **...** | ... | ... | ... |
| **АСИН*** | **1** | **4 627,1** | **7,0** | **28,1** |
| **Ҳамагӣ:** | **92** | **65 789,7** | | **25,4** |
| **Нисбат ба ММД (%)** | | **37,2** | | |

*Маълумот ба ҳолати 30.09.2025

Дар давраи ҳисоботӣ 90,0 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (7,0 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (1,7 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (1,2 фоиз) ташкил медиҳанд[1].

Ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат буда, ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд)-ро дар бар мегиранд. Дар семоҳаи чоруми соли 2025 дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба соли 2024 ба андозаи 24,8 фоиз афзуда, ба 59 242,1 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 360 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла 3 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр ва 1 584 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасонии худро пешниҳод намуданд.

Дар ин давра 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба соли 2024 ба андозаи 26,6 фоиз зиёд шуда, ба 1 141,2 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба соли 2024 ба андозаи 58,3 фоиз зиёд шуда, 779,4 млн сомониро ташкил намуданд.

Дороиҳои АСИН бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 4 627,1 млн сомонӣ баробар гардиданд.

---

[1] Эзоҳ: ҳангоми пешниҳод гардидани маълумот дар бораи фаъолияти Биржаҳои фондӣ, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.